Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Гулов Искандар Хасанович дар мавзӯи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат**

Мубрамияти мавзуи диссертасионии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки тамоми барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 самтҳои асосии сиёсати иҷтимоию меҳнатиро муайян намуда, иҷрои он зери назорати қатъии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он дар минтақаҳо қарор дорад.

Муаллифи диссертатсия тавонистааст мундариҷаи диссертатсияро дар пояи илмӣ таҳия намуда, масъалаҳои ба мавзу мутааллиқро мавриди таҳқиқот қарор додааст. Интихоби мавзу, мақсад, объекти таҳқиқот, вазифаҳо, дастовардҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо як ҷузъи томи таҳқиқоти илмиро ташкил медиҳанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот, муаллиф тавонистааст моҳияти иқтисодии мафҳуми сиёсати иҷтимоию меҳнатиро бо истифода аз адабиётҳои олимони классик ва муосир шарҳ дода, нуқтаи назари худро таҳия ва пешниҳод намояд.

Принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоиро асоснок намуда, вобаста ба ин принсипҳо вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатиро муайян намудааст.

Таҷрибаи ҷаҳонии таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатиро мавриди омузиш қарор дода, истифодаи механизмҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатии Россия, Қазоқистон ва Чинро барои истифода дар Тоҷикистон тавсия додааст.

Ба ҳолати муосири иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатии вилояти Хатлон баҳо дода, сабабҳои асосии иҷро нагаштани барномаҳои давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлонро ошкор намудааст. Таҳқиқоти сотсиологие, ки дар соли 2021 оид ба баланд бардоштани сатҳи ёрии тиббӣ ва дастрасии он дар вилояти Хатлон гузаронидаи муаллиф, ҳолати татбиқи иҷрои сиёсати иҷтимоии давлатро дар соҳаи тандурустӣ баҳо медиҳад.

Асоснок намудааст, ки таҳияи барномаҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмини иҷрои онҳо, ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва такмили сохтори иқтисодиёт роҳҳои асосии ҳалли сиёсати иҷтимоию меҳнатии давлат ба ҳисоб мераванд.

Хусусан, ташаккули корхонаҳои калони агросаноатӣ дар партави иҷрои консепсияи кластерикунонӣ ва мукаммалгардонии корхонаҳои хурд, дар мисоли ҶСП Чжунтай - Данғара Синсилу текстили ноҳияи Данғара метавонад дар амалӣ намудани сиёсати иҷтимоию меҳнатии давлат саҳмгузор бошад.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Агар муаллиф ҷадвалҳои овардашударо коркард ва аз онҳо хулосабарорӣ мекард, сатҳи илмии диссертатсия такмил меёфт.

2. Хуб мешуд, агар муаллиф бо истифода аз усулҳои математикӣ ба нишондиҳандаҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ баҳо дода, роҳҳои ҳалли онҳоро нишон медод қиммати илмии диссертатсия беҳтар мегардид.

Камбудиҳои зикргардида моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва характери тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи актуалӣ иҷро карда шуда, ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н.А.